# ВОРИД ШУДАН БА ХОКИ ХУД “ТАҶОВУЗ” НЕСТ

***(ё чанд бардошт аз мақолаи устод Абдуллоҳи Раҳнамо - “Мавқеи Тоҷикистон ё чаро Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари таҷовузгар нест?”)***

***Расулов С.Х.*** *– дотсенти кафедраи психологияи ДМТ*

Воқеан ҳам баҳси марзии байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қиғизистон, ки таърихи зиёда аз 100 сола дорад тайи солҳои охир густурдатар гардида, аз доира баҳс ва музокироти гурӯҳҳои кории ин ду кишвар ба доираи нишастҳои сарони давлатҳо ва нишастҳои созмонҳои минтақавию байналмиллалӣ куч бастааст. Агар, аз як тараф, ин умедворкунанда бошад, ки дахолати тарафи сеюм ба сифати миёнарав барои ба мувофиқа омадани тарафҳо мусоидат мекунад, аз тарафи дигар хеле ташвишовар ва ҳатто хатарнок аст.  Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки тайи чанд даҳсолаи охир дар ҷое, ки барои ҳалли мушкилоте дахолати тарафи сеюм, махсусан давлатҳои абарқудрат  сурат гирифтааст, дар он ҷо даргирию низоъҳо барангехта шудаанд. Аз ин бармеояд, ки таваҷҷуҳи тарафҳои сеюм ба баҳси сарҳадии байни ин ду кишвари ҳамсоя моҳиятан нигаронкунанда аст ва усулан паёмади хубе нахоҳад дошт. Ин нуқтаро коршиноси барҷастаи масоили сиёсӣ, устод Абдуллоҳи Раҳнамо дар мақолаи худ “Мавқеи Тоҷикистон ё чаро Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари таҷовузгар нест?” чунин қайд мекунад: “Таҷрибаи низои марзию қавмӣ дар фазои пасошуравӣ нишон додааст, ки дар аксар мавридҳо пайдошавии “миёнаравон”-и шарқию ғарбӣ боиси васеътару тулонитар шудани чунин буҳронҳо гаштааст” ва таъкид месозад: “ин аст, ки гарчи Тоҷикистон дар ҳама сатҳу марҳилаҳо ҷонибдории худро аз ҳалли мусолиматомези масъала эълон доштааст, аммо дурнамои раванд нишон медиҳад, ки ҳоло давлат ва ҷомеаи мо бояд барои вазъияту буҳрони печидатаре омода бошанд”.

Ин ҳушдор асоси илмӣ дошта, аз далелҳои таърихию сиёсӣ бармеояд ва тасдиқӣ таъкидҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати

миллӣ - Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон аст, ки мефаромоянд: “Зиракии сиёсиро аз даст надиҳед!”. Мардуми шарафманди Тоҷикистон дар заминаи сабақи таърихии худ хуб дар мекунанд, ки дахолати тарафи сеюм ба баҳсу ихтилофҳои локалӣ чи паёмади нохуше дорад. Чун мардум ва элитаи сиёсии ҳамсоякишвари мо чунин сабақи таърихӣ надорад, гумон мекунанд, ки даъвати онҳо аз тарафи сеюм барои миёнаравӣ дар ҳалли қазия (даъвати роҳбарияти Ҷумҳурии Қирғизистон аз СММ, САҲА ва ташкилотҳои дигар) боиси боло рафтани имиҷи сиёсии онҳо дар майдони геополитикӣ мегардад.

Ҳолати дигаре, ки дар ин баҳс боиси ташвиш аст ва дар мақолаи зикршуда хеле мушикофона таҳлил гардидааст, ин мавқеъгирии намояндагони Ҷумҳурии Қирғизистон дар ҳалли қазия аст. Мушоҳида ва таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки мавқеи намояндагони ҳамсоякишвар хеле калаванда ва ғайримантиқӣ аст, зеро: аз як тараф, онҳо дар марҳилаҳои гуногуни музокирот ҳангоми интихоби “ҳуҷҷатҳои такягоҳӣ” ба бастаи гуногуни ҳуҷҷатҳо такя мекунад, яъне аз техникаи психологии “роҳгумсозӣ” истифода мебаранд, ки мақсади он ба вуҷуд овардани баҳс ҳангоми музокирот аст. Ин техника дар ҳолате истифода бурда мешавад, ки агар тарафи музокирот хуб дарк кунад, ки бо далелҳои муътамад мавқеи худро исбот карда наметавонад ва масъала ба манфиати ӯ ҳал нахоҳад шуд. Дар адабиёти психологӣ техникаи мазкур чунин шарҳ дода мешавад: “техникаи роҳгумсозӣ дар овардани ахбороти дарҳамбарҳам асос меёбад. Ҳамсуҳбат дидаю дониста раванди суҳбатро печида мегардонад, ки ба муноқиша (баҳси тезу тунд дар назардошта шудааст – РС) мебарад” (ниг: Бароздина Г.В. Психология делового общения. – М., 2006. – С. 87). Аз тарафи дигар, новобаста аз он, ки аз 900 км хати марзи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон 602 км (61%)-и он муайян ва дар ҳарду тараф мувофиқа гаштааст, то ҳанӯз тарафи ҳамсоякишвар аз расмият бахшидан ба ин санад худдорӣ менамоянд. Ин ду ҳолат далели равшани онанд, ки мутаасифона, элитаи сиёсии

ҳамсоякишвари мо барои нуқта гузоштан ба ин баҳс сидқан ҷидду ҷаҳд надоранд (шояд сабабаш дар устувор набудани мавқеи сиёсии роҳбарияти ҳамсоякишвар бошад).

Масъалаи дигари қобили таваҷҷуҳ дар баҳси мазкур, ки дар мақолаи устод А.Раҳнамо хеле хуб матраҳ гардидааст, интихоби ҳуҷҷатҳои такягоҳи аз тарафи ҷонибҳо мебошад. Мавқеи Ҷуҳурии Тоҷикистон дар ин масъала аниқ ва асоснок буда, ҷониби Тоҷикистон ба "ҳуҷҷатҳои солҳои 1924-1927 ва соли 1932" такя мекунад. Ин мавқеи Тоҷикистон асоси ҳуқуқӣ дорад, зеро чи тавре, ки устод А. Раҳнамо қайд мекунад, маҳз ин ҳуҷҷатҳо "тамоми расмиёти муқарраршудаи давраи шӯравиро гузашта, расмияту қонунияти зарурӣ пайдо намудаанд". Ҷониби Қирғизистон бошад ба ҳуҷҷатҳое такя мекунад, ки пас аз соли 1932, яъне дар давоми 90 соли охир қабул гардидаанд ва аксарашон ё якҷониба мебошанд ё характери муввақатӣ доранд (масалан, ҷудо карди қитъаи муайяни замин ҳамчун чарогоҳи тобистона ё ҳамчун бошишгоҳ барои зимистонгузаронии чорво". Мавриди қайд аст, ки чунин шартномаҳо дар дохили худи ҷумҳуриҳои алоҳида низ вуҷуд доштан ва баъд аз барҳам хӯрдани ИҶШС бидуни ягон расмиёт қувваи қонунии худро гум карданд.

Мавриди қайд аст, ки ҷониби Қирғизистон як навъ "бозӣ бо ҳуҷҷатҳо"-ро ба роҳ мондааст, чун ба «ҳуҷҷатҳои солҳои 1924-1927» такя накарда, ба ҷойи он як силсила ҳуҷҷатҳои ҳосилшуда дар фосилаи аз соли 1932 то 1991 ва дар давраи истиқлолияти давлатии ду кишварро ҳамчун асос ба миён гузоштанӣ шавад ҳам, дар маҷмуъ на ба якумаш такя кардан мехоҳад ва на ба дуюмаш, зеро дар ҳар ду ҳолат ғасбӣ заминҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Ҷумҳурии Қирғизистон ошкор карда мешавад. Дар ҳолати якум ба Ҷумҳурии Қирғизистон лозим мешавад, ки 211 000 га. заминро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон баргардонад ва дар ҳолати дуюм 209 000 га. заминро баргардонидан лозим меояд.

Аз тарафи дигар, соли 1999 бо фарогирии аксари қитъаҳои баҳсӣ вилояти нави Боткандро (Баткент) таъсис додани роҳбарияти Қирғизистон, бо қабули қонуни махсуси миллӣ аз 10-уми сентябри соли 2021, №113 «Дар бораи мақоми вилояти Ботканд» табдил додани ин вилоят ба ҳавзаи махсуси ҳарбиву мудофиавӣ моро ҳушдор медиҳад, ки ҷониби Қиғизистон дар баҳси марзӣ барои ба мувофиқа омадан гузашт карданӣ нест.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар давоми 32 соли охир, яъне баъд аз пош хӯрдани ИҶШС ҷониби Қиғизистон барои афзоиш додани нуфузи худ дар минтақаҳои ғасбшуда як қатор чорабиниҳои мақсаднокро аз қабили, зиёд кардани маҳалаҳои қирғизнишин, бо ҳар роҳ ҷалб кардани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар ин минтақа таърихан зиндагӣ мекунанд барои гирифтани шаҳрвандии Ҷумҳурии Қирғизистон ва ғ. роҳандозӣ кардааст.

Аз назари психологӣ эътироф накардани маҳз ба Тоҷикистон таалуқ доштани 211 000 га. замин тибқи "“ҳуҷҷатҳои солҳои 1924-1927 ва соли 1932” аз ҷониби Ҷумҳурии Қирғизистон маънои онро дорад, ки онҳо барои ҳалли мусолиҳатомези масъала аз ҷиҳати психологӣ омода нестанд. Ҳарчанд роҳбарияти Ҷумҳурии Қирғизистон барои имиҷсозии худ аз минбарҳои гуногун омодагии худро барои ҳалли масъала иброз медоранд, аммо дар қисми зершуури онҳо харитаи Ҷумҳурии Қирғизистон бо кулли заминҳои ғасбшуда ҷилвагар аст ва онҳо ин образро дар воқеият дидан мехоҳанд.

Мушкилоти дигар, ки дар мақолаи устод Абдуллоҳи Раҳнамо хеле хуб дарҷ гардидааст ва воқеияти имрӯзаи ҳамсоякишвари мо мебошад ин аст, ки “ҳоло дар ин музокирот аз ҷониби кишвари ҳамсоя нерӯи босалоҳияти дорои қудрати қабули қарор вуҷуд надорад, то масъалаҳои баҳсӣ бо он ҳал гардад”. Воқеан ҳам ин муҳокимаест, ки на дар заминаи ҳиссиёт, балки дар асоси таҳлили мантиқии вазъият рӯйи коғаз омадааст

ва бозгӯйкунандаи воқеияти имрӯзаи фазои сиёсии Ҷумҳурии Қирғизистон мебошад.

Устод дар мақолаи хеш ишора намудаанд, ки барои дарёфти далелҳои мантиқии муайянкунандаи хати марзи байни Тоҷикистон ва Қирғизистон бояд ба омӯзиши ҳуҷҷатҳои дар бойгонии Ҷумҳурии Узбекистон ва кишвари Россия маҳфузбуда рӯй овард. Ин нуқта ишора ба он аст, ки барои ҳалли дурусти масъала бояд принсипҳои методологӣ истифода шаванд ва ҳамчун асос на мавқеи дар ҳиссиёт асосёфтаи тарафҳо, балки ҳуҷҷатҳои расмӣ ва далелҳои аниқ хизмат кунанд. Дар маҷмуъ мақолаи мазкур метавонад ҳамчун алгоритими омӯзиши илмии "баҳси марзӣ" дар байни Тоҷикистону Қирғизистон баромад кунад.

Дар анҷоми мақола устод аз мардуми шарафманди Тоҷикистон даъват ба амал меорад, ки мусаллаҳ бошанд: мусаллаҳ бо дониш ва далелҳои мантиқӣ дар бораи таърихи хеш. Ин даъвати як фарзанди фарзонаи таҳаммулгарои як миллати таҳаммулгаро ва сулҳпарвар аст, ки бо куллӣ аз "мусаллаҳ намудан"-и аҳолии наздимарзии вилояти Ботканди Ҷумҳурии Қирғизистон аз ҷониби Ҳукумати ин кишвар фарқ дорад.

Аз омӯзиш ва таҳлили мақолаи коршиноси барҷастаи масоили сиёсӣ, устод Абдуллоҳи Раҳнамо - "Мавқеи Тоҷикистон ё чаро Ҷумҳурии Тоҷикистон кишвари таҷовузгар нест?" воқеан ҳам хулоса баровардан мумкин аст, ки ворид шудан ба сарзамини худ на ҳуҷум асту на таҷовуз зеро, "як кишвар наметавонад ба қаламрави худаш "ҳуҷум" кунад ё ба он "таҷовуз" кунад.